«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________Ибодуллозода А.И.
«22»__________соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) –Хуҷанд, 2023. –173 саҳ.**

Таҳқиқи масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрӣ аз масоили мубрами адабиётшиносии тоҷик ҳисоб меёбад. Бояд таъкид дошт, ки ҷанбаи матншиносӣ ва поэтикии осори мансури шоирону нависандагон дар ҳавзаҳои илмиву адабии кишвар кам мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ин сабаб, баррасии чунин масъалаҳо аз арзиши хоса бархурдор мебошад.

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» дар ҳамин самт ба қалам омада, дар он масоили матнпажуҳӣ, нусхашиносӣ ва поэтикии мероси мансури Аҳмади Ҷоми Жандапил бо сабку усули хоса таҳқиқу баррасӣ ёфтааст.

Диссертатсияи ҳозир, ки аз ҷониби Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» таълиф гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳамияти мавзуи** диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар он зоҳир мешавад, ки то имрӯз масоили мантшиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик мавриди пажуҳиши алоҳида қарор нагирифтааст. Маҳз рисолаи ҳозир ба тарзи равишманд мавзуи мазкурро таҳқику баррасӣ намудааст ва ба ин мӯҷиб метавон мавзуи диссертатсияро **мубрам** арзёбӣ намуд. Тибқи навиштаи диссертант осори мансури Аҳмади Ҷом «аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сохту таркиб, фарогирии мавзуъҳои адабӣ, ирфонӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва бархурдор аз хусусиятҳои боризи филологӣ, ба монанди сабки наср, шеваи баёну гуфтор, корбурди ашъор, истифодаи ахбору осор, баёни нақлу ривоёти дилнишин, тарҷумаи мутун, зикри истилоҳоту таъбироти сӯфия ва шарҳу тавзеҳи онҳо, маърифати сарчашмаҳои фикрии суханварон аз манобеи хеле пурбору омӯхтанӣ ва шоистаи таҳқиқоти ҷудогона мебошад» (диссертатсия, с.3).

Аҳамият ва мубрамияти мавзуи мазкур Мирзоҳоифзиён Меҳрафкан Мирзоҳофизро бар он водор намуда, то дар таҳқиқи масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бар асоси матнҳои куҳан, насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом ва хусусиятҳои мавзуию сохтории онҳо, нусхашиносӣ ва баррасии таркибу мундариҷаи мероси мансури Аҳмади Ҷом, таҳқиқи сабки наср, тавзеҳи мафоҳими аҳли тасаввуф ва табйини маониву румузи онҳо, таҳқиқи вежагиҳои матншиносии осори Аҳмади Ҷом ва ғ.-ро ковишу пажуҳиш намояд.

**Навгонии илмии диссертатсияро** дар таҳқиқи насри ирфонии Аҳмади Ҷом, нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом, баррасии сохториву мундариҷавии осори ӯ, корбурди ашъор ва равшан намудани усулҳои истифода аз он, сабки наср ва тарзи баён, такмил ва мояварсозии фарҳангномаҳои истилоҳоти тасаввуф бар мабнои осори насрии Аҳмади Ҷом, нақду таҳлил ва баррасии матншиносии мероси мансури Аҳмади Ҷом мушоҳида намудан мумкин аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар рафти пажуҳиш аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода сурат гирифтааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз овардани маълумоти дақиқ, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, адади интишорот ва интихоби дурусти усул ва методи таҳқиқ бармеоянд. Хулосакашӣ ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи амаливу назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи пажуҳиш муайян гардидааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои дар таҳқиқ матраҳгардида дар омӯзиши мавзуъҳои марбут ба таърихи насри ирфонӣ, хусусиятҳои матншиносиву поэтикии мероси сӯфия, нусхашиносии осори хаттӣ, шеваҳои баррасии сохтору мундариҷаи таълифоти насрӣ ва маърифати марҳилаҳои таҳаввули сабки наср судманд хоҳад буд.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯи мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд ва саҳми шахсии муаллифро собит месозад.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан дар адабиётшиносии тоҷик ва дар самти маърифати осори мансури Аҳмади Ҷом аз нигоҳи матншиносӣ ва поэтикӣ аҳамияти хоса доранд.

Диссертант рисолаи хешро дар қолаби муқаддима, се боб, ҳашт фасл, се зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт рехтааст. Муқаддимаи диссертатсия нуктаҳои асосии муқаддиманависиро дар бар мегирад. Диссертант дар муқаддима пешинаи насри ирфонии форсу тоҷикро амиқ

таҳқиқ намуда, аз таърихи пайдоиш ва таҳаввули он сухан ба миён овардааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони **«Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар асрҳои XI-XII»** аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал таҳти унвони **«Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ»** ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бахшида шудааст. Дар ин мабҳас дар асоси маълумот ва аснoди сарчашмаҳои куҳан, таърихӣ, тазкираҳо, осори донишмандони хориҷӣ, донишномаҳо ва ғ. бо дастабандии хоса ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Ҷом ба таҳқиқ кашида шудааст. Дар поёни фасли мазкур диссертант хулосаҳои зарурӣ бароварда қайд менамояд, ки Аҳмади Ҷом аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони форсзабонон буда, нуфузи шахсият ва сайри андешаи ӯ мӯҷиб гардидааст, то оғоз аз рӯзгори худи ӯ бар сабту нигориши манқабати зиндагиаш иқдом намоянд ва минбаъд онро вусъати бештар бахшанд. Аз ҷумла таъкид гаридааст, ки сарчашмаҳои куҳантарин дар мавриди рӯзгор ва манқабати Аҳмади Ҷом аз ҷониби фарзандону наберагон ва муридони худи ӯ навишта шуда, аксар то имрӯз маҳфуз мондаанд. Диссертант бо истинод ба манобеи дасти аввал қайд менамояд, ки бузургтарин суханварон чун Саноии Ғазнавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Қосими Анвор ва дигарон аз Аҳмади Ҷом ба бузургӣ ёд намудаанд.

Фасли дуюми боби аввал таҳти унвони **«Насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом»** осори ирфонии замони зиндагии Аҳмади Ҷомро ба худ ихтисос додааст. Дар ин бахш нахуст аз пешинаи наср ёд шуда, сипас ба мавзуи асосӣ пардохта шудааст. Фасли мазкур дар 3 зербахш иборат буда, зербахши нахуст «Осори ирфони амалӣ ва назарӣ» унвон дорад. Зербахши дуюм «Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия» ва зербахши сеюми фасли мазкур «Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ» ном дорад.

Дар ин фасл таъкид мегардад, ки асарҳои насрии аҳли тасаввуф, ки дар аҳди Аҳмади Ҷом таълиф гардидаанд, аксар аз шоҳкориҳои насрии адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравurban ва аз сарчашмаҳои адабии тирози аввал шуморида мешаванд. Асарҳои насрии ирфонии рӯзгори Аҳмади Ҷом дар таҳаввули сабки насри форсии тоҷикӣ саҳми ниҳоят ҷиддӣ гузоштааст.

Унвони боби дуюми диссертатсия «**Нусхашиносӣ ва баррасии сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом»** аст. Боби мазкур бар мабнои 2 фасл бино ёфтааст. Фасли аввали он «**Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»** унвон дошта, дар он масоили нусхашиносии осори мансури Аҳмади Ҷом баррасӣ гардидааст. Таъкид ёфта, ки нусхашиносӣ аз марҳилаҳои мухими баррасии матншиносии осори суханварон арзёбӣ мегардад. Бояд таъкид намуд, ки то имрӯз таҳқиқи хоса ва равишманд дар нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом сурат нагирифтааст. Диссертант бо ковишҳои нусхашиносӣ дар асоси омӯзиши феҳристҳо ва ҷустуҷӯ дар ганҷинаҳои нусахи хаттӣ муайян намуда, ки бештар аз даҳ асари насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Интисоби саҳеҳи аксари ин осор ба Аҳмади Ҷом собит аст, аммо иддае то ҳол сиҳҳати интисобро дарнаёфтаанд. Баъзе аз мероси насрии ӯ, ба монанди «Анис-ул-мустаънисин», «Футуҳ-ур-рӯҳ», «Тазкирот», «Эътиқоднома» ва ғ. эҳтимолан пурра аз байн рафтаанд ва ё ҳанӯз нусхаи онҳо пайдо нагардидааст. Дар ин фасл бо такя ба гузориши феҳристҳо, сарчашмаҳои куҳан ва пажуҳишҳои дастхатшиносӣ осори мансури Аҳмади Ҷом таҳқиқи нусхашиносӣ ёфтааст ва чандин нусхаҳои тоза муаррифӣ шудааст. Тибқи гузориши диссертант дар китобхонаҳои бонуфузи ҷаҳон, ба монанди Китобхонаи Анҷумани Осиёии Бангол (Калкутта), Китобхонаи Остони қудси разавӣ (Машҳад), Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Тошканд), Китобхонаи Боязид (Истанбул), Китобхонаи Ганҷбахш (Исломобод), Музейи салтанатии Вен (Утриш), Китобхонаи Асъад Афандӣ (Истанбул),

Китобхонаи Донишгоҳи Тюбинген (Баден-Вютемберг), Китобхонаи Вазорати иттилоот ва фарҳанги Афғонистон (Кобул), Китобхонаи Лоло Исмоил (Истанбул) ва чанде дигар осори мансури Аҳмади Ҷом маҳфуз ҳастанд, ки ҳоло ба муомилоти илмӣ кашида нашудаанд.

Дар маҷмуъ, дар ин фасл нусхашиносии наздик ба 40 нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом анҷом ёфтааст. Қисме аз ин нусхаҳои хаттии осори насрии Аҳмади Ҷомро мусаҳҳеҳони осори ӯ ба ҳангоми таҳияи матни чопии осори ӯ мавриди корбурди матншиносӣ қарор додаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки дар байни нусхаҳои бозшиносишуда, 11 нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом мавҷуданд, ки ҳангоми таҳияи матни осори ӯ мусаҳҳеҳон аз онҳо огаҳӣ надоштаанд. Мисли нусхаи хатии шумораи 682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи хаттии шумораи 1742 аз Музейи Мавлоно ва ғ.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия **«Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом»** номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл осори мансури Аҳмади Ҷом як-як аз ҷиҳати мундариҷа ва сохту таркиб муаррифӣ гардидаанд. Осоре, чун «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Кунуз-ул-ҳикмат» ва «Рисолаи Самарқандия» аз нигоҳи мундариҷаву муҳтаво ва шинохти қолабҳои сохториву таркибӣ, таърихи китобат, сабаб ва ангезаи таълиф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Чунин баррасӣ дар шинохти ҷаҳонбинӣ, сарчашмаҳои фикрӣ, усулҳои баррасии масоил, қолабҳои ибрози орову андеша, вазъи илмиву адабӣ, ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ, асноди нодири марбут ба рӯзгоршиносии муаллиф ва ҳамасрони ӯ, омилҳои ташаккули ақоиди мутасаввифа, сабку хусусиятҳои таълифи осор ва масоили зиёди дигар заминагузорӣ менамояд.

Диссертант дар поёни фасл дар шаш банд хулосаҳои илмӣ ва дақиқ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла таъкид фармуда, ки аз Аҳмади Ҷом беш аз даҳ осори насрӣ ба мерос монда, ҳама дар мавзуи ирфон навишта

шудаанд. Чанде аз осори Аҳмади Ҷом мафқуд буда, аз онҳо танҳо ном боқӣ мондааст.

Боби сеюми рисола **«Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»** унвон дорад ва аз чаҳор фасл иборат аст. Дар фасли аввали он зери унвони **«Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом»** масоили сабки насри осори мансури Аҳмади Ҷом баррасӣ гардидааст. Мухтассоти сабки мероси мансури Аҳмади Ҷомро диссертанд дар чунин зербахшҳо таҳқиқ намудааст: 1. Равониву содагии калом; 2. Такрор; 3. Корбурди матн ва луғоту таъбироти арабӣ; 4. Истифодаи калимаҳои куҳан; 5. Корбурди калимоти лаҳҷавӣ; 6. Усули хоси навиштани ададҳо; 7. Ҷамъбандии калимаҳои ҷамъи арабӣ; 8. Вожагузинӣ дар баробари калимоти арабӣ; 9. Корбурди оёт ва аҳодис; 10. Шеваи баёни хитобӣ ва воизона. 11. Ҳикоятпардозиҳо. 12. Корбурди санъатҳои бадеӣ.

Дар поёни фасл диссертант хулосаҳои хешро вобаста ба мавзуъ дар 4 банд пешниҳод намудааст.

**«Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом»** унвони фасли дуюми боби сеюми рисола мебошад. Диссертант дар ин фасл бо дастабандии хос дар се зерфасл мавзуи мазкурро ба баррасӣ гирифтааст: 1. Истифодаи ашъори шуарои пешин. Ин қисмат низ аз ду бахш иборат буда, бахши нахустини он «Истифода аз ашъоре, ки гӯяндагонаш маълуманд» унвонгузорӣ шудааст. Маълум мегардад, ки Аҳмади Ҷом аз ашъори Бӯзари Бузҷонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ ва дигарон истифода бурдааст. Дар зербахши дувум – «Истифодаи ашъоре, ки гӯяндагонаш муайян нест» таъкид гарида, ки маъмулан муаллиф бо зикри калимоте чун «шоире гӯяд», «ҳакиме мегӯяд», «байт» ин навъ ашъорро овардааст. 2. Истифодабарӣ аз шеъри худ. Ин бахш аз ду банд иборат аст: а)Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом мавҷуд аст; б) Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом ба назар намерасанд. 3. Корбурди ашъори арабӣ. Аҳмади Ҷом ашъори арабиро дар мероси мансури худ борҳо

мавриди истифода қарор додааст. Ҳамчун мисол ашъори арабии Алӣ ибни Абӯтолиб (рз) ва Бӯзари Бузҷонӣ оварда шудааст.

Фасли сеюми боби сеюми рисола **«Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия»** унвон дорад. Дар ин фасл муҳаққиқ истифодаи истилоҳоти сӯфияро дар осори Аҳмади Ҷом ба баррасӣ кашидааст. Истилоҳоти ирфоние, чун абдол, адаб, дарвеш, дил, зулф, зуҳд, ихлос, манозилу дараҷот, маърифат, ориф, самоъ, солик, тавҳид, таваккул, хавфу раҷо, ҳол ва ғ. дар осори мансури Аҳмади Ҷом истифода ва шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Диссертант таъкид намуда, ки мероси мансури Аҳмади Ҷом аз ганҷинаи пурбори таъбироти ирфонӣ буда, барои шинохти бештари истилоҳоти сӯфия сарчашмаи муҳим ба шумор мерав진д.

Фасли чаҳоруми боби мазкур таҳти унвони **«Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом»** ба баррасии матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом бахшида шудааст. Масъалагузории диссертант дар ин фасл хеле ҷиддӣ ва қобили таваҷҷуҳ аст. Диссертант таъкид месозад, ки дар тасҳеҳи матн бояд ба марҳилаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд: Якум, нусхаҷӯии густурда; Дувум, нусхашиносии равишманд; Сеюм, пойбандӣ ба қавоиди шеваи тасҳеҳ. Қайд гаридааст, ки бо пойбандӣ ба марҳилаҳои мазкур метавон матни мусаҳҳаҳ ва мунаққаҳро ба аҳли таҳқиқ пешкаш намуд (дисс. с. 119-122). Аз ҷумла дар фасли мазкур дар се зербанд муаллифи диссертатсия осори мансури Аҳмади Ҷомро матншиносии амалӣ намудааст. Саҳву иштибоҳоти осори мансури Аҳмади Ҷом чунин дастабандӣ гаридааст: а) Ғалатхонӣ ва адами таваҷҷуҳ дар тасҳеҳи матн; б) Тасарруф аз рӯи таассуб; в) Афтодани матн ва фарқиятҳои он бо нусха.

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт.

Матншиносӣ, нусхашиносӣ) кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Диссертант тавонистааст, ки масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии осори мансури Аҳмади Ҷомро мавриди баҳс қарор додааст. Пажуҳиши анҷомпазируфтаро дар адабиётшиносии тоҷик метавон ҷадид ва муҳим арзёбӣ намуд.

Диссертатсия ба меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, муҳаққиқ бо истифода аз сарчашмаҳо рисоларо моявар сохтааст.

Муҳассаноти диссертатсияро метавон ба тариқи зайл қаламдод намуд:

а) Баррасии хосаи осори насрии Аҳмади Ҷом ва муайян сохтани ҷойгоҳи онҳо дар адабиёти форсии тоҷикӣ;

б) Омӯзиши сарчашмаҳои асил ва дастхатҳои зиёд, ки мӯҷиб гардида, то асноди тозаи илмӣ ба даст ояд;

в) Хулосакашии бобу фаслҳо. Дар тамоми фаслу бобҳо диссертант хулосаҳои илмӣ бароварда, дар бандҳо онро зикр намудааст;

г) Дастёбӣ ба нусхаҳои хаттии ношинохта. Дар матнпажуҳӣ нусхаи тоза ва қадима амри зарурист. Диссертант тавонистааст, ки бо шиносонидан ва ба кор гирифтани нухаҳои нав аз осори мансури Аҳмади Ҷом таҳқиқи хешро пурбор гардонад.

д) Дар боби сеюми рисола дар фасли матншиносӣ диссертант масъалаҳои матншиносии осори мансури Аҳмади Ҷомро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз ҳосили баррасиву пажуҳиши илмии муаллиф буда, дар 22 банд фароҳам омадааст ва дар охири ҳар банд истинод ба мақола ва таълифоти довталаб оварда шудааст.

Дар диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз бо вуҷуди муҳассаноти зиёд, ҷой-ҷой баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои ҳусни бештар касб кардани кор мусоидат менамояд:

1. Дар диссертатсия, бахусус дар фасли матншиносӣ, мисолҳо аз дастхатҳо бо хати кириллӣ оварда шудаанд. Беҳтар мебуд, то дар накду таҳлили матн шавоҳид бо хатти аслӣ оварда мешуд.

2. Дар фасли дуюми боби якум (зербахши дуюм) зимни баҳси маноқибнависӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом, хуб мешуд, ки аз «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ низ сухан мерафт.

3. Калимаи «маноқиб» худ шакли ҷамъи калимаи «манқабат» аст. Ин калимаро бо ёрии «ҳо» ҷамъбандӣ кардан зарурат надорад, ки муаллифи диссертатсия дар саҳифаи 8 ба чунин иштибоҳ роҳ додааст.

4. Дар баъзе мавридҳо ҳарфе зиёд ҳарфчинӣ шуда, ки ислоҳи онҳо аз фоида холӣ нахоҳад буд. Ба монанди: хондааast (с.125), овардааast (с.129) ва ғ.

5. Дар фасли нусхашиносӣ ба гузориши феҳристҳои ватанӣ низ таваҷҷуҳ намудан судманд мебошад.

Нуктаҳои болозикр ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертастсияро поён намебарад. Диссертант аз рӯи мавзӯи рисола 8 мақола ба нашр расонидааст, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 адади дигар дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ба нашр расидаанд. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан мазмуну мундариҷаи рисоларо инъикос намудаанд.

Диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки диссертант Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 14 нафар устодон иштирок намуда, 14 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» – нест. Протоколи № 11, аз 22 майи соли 2023.

**Раиси ҷаласа,** **Мирзоалиева Адолат**
**номзади илми филология, дотсент** **Шералиевна**
**Котиби ҷаласа,**
**Номзади илми филология** **Мерганзода Манучеҳр**
**Эксперт,** **Солеҳов Шамсиддин**
**доктори илми филология, профессор** **Аслиддинович**
Имзои «А.Ш. Мирзоалиева, М. Мерганзода, Ш.А. Солеҳов»-ро тасдиқ мекунам.
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 121.**
**Тел: +992 (37) 224 13 83**
**E-mail: tgpu@mail.tj**